# Course name: National economy

## Week 6: *Sectoral structure of the national economy, improvement of the theory and practice of sectorization in the republic*

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ

*(National economy)*

## МАВЗӮИ 6. Сохтори соҳавии иқтисоди миллӣ, такмили назария ва амалияи соҳабандӣ дар ҷумҳурӣ

**Саволҳои лексия:**

**1. Мазмун ва моҳияти сохтори иқтисоди миллӣ.**
**2. Таҳлили сохтори соҳавии саноат, тахассуси корхонаҳои саноатӣ, мавқеъ ва нақши соҳаҳои алоҳидаи он.**
**3. Сохтори соҳавии кишоварзӣ, муаммоҳо ва маҷмӯи чорабиниҳои ба рушди соҳа мусоидаткунанда.**
**4. Сохтори соҳавии нақлиёт ва алоқа. Муаммоҳо ва дурнамои рушди соҳаҳо.**

### 1. Мазмун ва моҳияти сохтори иқтисод.

Бояд қайд намуд, ки рушди самараноки иқтисоди миллӣ аз сохтори ӯ вобастагӣ дорад ва сохтор то чи андоза мукаммал бошад, ҳамон қадар ба рушди иқтисод мусоидат менамояд.

***Сохтори иқтисоди миллӣ*** –таркиби дохилӣ ва пайвастагии соҳаҳо ва узвҳоро ифода намуда, на танҳо ҷиҳати микдорӣ, балки сифатии онро, вобаста ба таносубҳои дохилӣ инъикос менамоянд. Сохтори иқтисоди миллӣ чун ифодакунадаи дараҷаи таркибёбии иқтисодиёт мутобиқи шароити замон арзёбӣ мешавад[1].

Сохтор доимо дар ҳолати инкишофу тагйирёбӣ қарор дорад, ки онро ҷунбиши (лағжиши) сохторӣ меноманд. Ингуна ҷунбиш дар шароити бозор бештар дар натичаи рақобати бозорӣ ба миён меояд: ҳамчун оқибати муфлисшавии баъзе корхонаҳо ё соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияти истеҳсолии худро қатъ мегардонанд, аз руи талаботи бозор баръакс корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бунёд мешаванд, ки фаъолияти онхо сохтори истеҳсоли маҳсулот ва хизматро дар минтақа ба куллӣ тагйир медиҳад[2].

Сохтори иқтисоди миллӣ, чи тавре ки қайд карда шуд таносуби миқдориро ифода мекунад, -таносуби байни соҳаҳо, байни гурӯҳҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ё дигар қисматҳои иқтисоди миллӣ. Аз рӯи ин гуна таносубҳои сохторӣ иқтисоди миллиро ба чунин гурӯҳҳо чудо мекунанд:

---

[1] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
[2] Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.

-сохтори соҳавӣ; сохтори минтақавӣ; сохтори такрористеҳсолӣ; сохтори умумииқтисодӣ; сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Сохтори соҳавӣ*** таносуби байни соҳаҳои иқтисодиёти кишварро ба монанди саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва ғайра, яъне вазни хоси ҳар яки ин соҳаҳоро, масалан, дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё дар шумораи умумии кормандон муайян мекунад.

***Сохтори минтақавии*** иқтисоди миллӣ таносуби минтақаҳои маъмурии мамлакатро, аз ҷумла вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, минтақаҳои ҷуғрофӣ (минтақаҳои шимолӣ, ҷанубӣ, кӯҳӣ, водигӣ) муайян мекунад. Ингуна таносубҳо хислатҳои ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунандаро дар минтақаҳои алоҳида ва омилҳои тақсимоти объектҳои истеҳсолиро муайян мекунанд. Тансубҳои минтақавӣ аз рӯйи ҳаргуна нишондиҳандаҳо – истеҳсоли маҳсулот, шумораи аҳолӣ, миқдори фондҳои истеҳсолӣ ё аз рӯйи дигар иктидорҳои истҳсолӣ муайян карда мешаванд[3].

Аҳамияти ***сохтори такрористеҳсолӣ*** дар он аст, ки бо ёрии он таносуби бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, хизматрасони муайян карда шуда, тамоюли инкишофи ин соҳаҳо ва инчунин дурнамои онҳо аз руйи пешгӯиҳои илмӣ асоснок карда мешаванд.

***Сохтори умумииқтисодӣ*** хоҷагии миллиро аз нуқтаи назари таносубҳои байни истеҳсолот ва истеъмолот, байни истеъмолот ва андӯхт, аз руйи таносубҳои дигари иқтисодие, ки дар дохили нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат ҷой доранд, баррасӣ менамоянд.

***Сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон*** дар шароити бозор таносуби бахши давлатӣ ва ғайридавлатиро аз руи нишондиҳандаҳои гуногуни иқтисодӣ таҳлил намуда, дар бораи инкишофи муносибатҳои бозорӣ, ҷараёни хусусигардонии моликият, равнақи соҳибкорию рақобат ва дигар ҷарёнҳои иқтисодӣ маълумот медиҳад. Сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин таносуби табақаҳои алоҳидаи аҳолиро аз руйи даромади онҳо, таносуби мардуми камбизоат ва сербизоат, беҳтар намудани шароити зисту зиндагии мардум ва дигар чиҳатҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолиро баррасӣ намуда, маълумотҳои зарурӣ пешкаш менамояд[4].

Сохтори иқтисодиёти миллӣ таносубҳои номбаршударо ба тариқи вазни хоси ин ё он узв бо ифодаи фоиз, коэффициент, афзоиши мутлақ ва ё нисбӣ ва дигар нишондиҳандаҳои оморӣ муайян карда ҳар яке аз ин нишондиҳандаҳо аҳамияти хоси худро дорад ва ҷиҳатҳои алоҳидаи иқтисодиётро ифода менамояд.

---

[3] Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.
[4] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

## 2.Таҳлили сохтори соҳавии саноат, тахассуси корхонаҳои саноатӣ, мавқеъ ва нақши соҳаҳои алоҳидаи он.

Саноат яке аз соҳаҳои муҳим ва дар айни замон пешбарандаи иктисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, **а**фзоиши истеҳсолоти саноатӣ имкон медиҳад, ки таъсиси ҷойҳои нави корӣ суръат ёфта, ба ин васила ба ҳалли проблемаҳои камбизоатии аҳолӣ мусоидат карда шавад. Барои чунин рушд Тоҷикистон дорои имкониятҳои кофӣ мебошад (мавҷудияти канданиҳои фоиданок, истеҳсоли ҳаҷми назарраси маҳсулоти кишоварзӣ, музди меҳнати на он қадар баланд ва ғайра)[5].

Дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ корхонаи Алюминияи Тоҷикистон бо вазни қиёсии беш аз 40 фоиз нақши асосиро дошта, фаъолияти содиротии он аз тарифҳо ба қувваи барқ, тарифҳои нақлиётӣ нархи гилхок ва алюминий вобаста мебошад. Ҳиссаи саноати кӯҳкорӣ аз сабаби сатҳи на он қадар баланди сармоягузориҳо, хароҷоти назаррас барои коркарди конҳо, даромаднокии пасти корхонаҳои дахлдор, аз нигоҳи техникӣ ба таври кофӣ муҷаҳҳаз набудани онҳо, заминаи сусти институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, маҳдуд будани дастрасии инвесторҳо ба иттилоот ҷавобгӯи нерӯи мавҷуда намебошад.

Бо вуҷуди ин дар солҳои охир вобаста ба заминаи пасти ибтидоӣ рушди истеҳсолоти саноатӣ бо суръати баланд идома дошт. Манбаъҳои асосии рушд мухталиф буданд: агар дар оғоз ба истиқрори сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста бошад, рушди имрӯзаи саноат ба маблағгузаронии муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд гардидани талаботи дохилӣ алоқаманд аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди истеҳсолоти аҳамияти минтақавӣ ҷиҳати коркарди саноатӣ дорои захираҳо ва (маҳсулоти кишоварзӣ, алафҳои доруворӣ, ангишт, тилло, сангҳои қиматбаҳо, дигар захираҳои моддӣ) ва инфраструктураи зарурӣ мебошад (дар дурнамо, баъди ҳалли проблемаҳои таъминот бо энергия).

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии таназзули истеҳсолоти саноатӣ ва суръати нокифояи барқарорсозии он аз инҳо иборатанд: ғунҷоиши на он қадар баланди бозори дохилӣ, қатъ гардидани робитаҳои қаблии кооперативӣ, мавҷуд набудани сиёсати дақиқи саноатӣ, сатҳи баланди танзим; маҳдуд будани таҷриба ва дониш дар соҳаи менеҷменти саноатӣ, маҳсулнокии нокифояи қувваи корӣ (танҳо 45 фоиз аз сатҳи Ҷумҳурии Чин, ду маротиба камтар нисбат ба Полша ва Ҳиндустон); сатҳи баланди

---

[5] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

фарсудашавии таҷҳизот ва технологияи кӯҳна, мушкил будани дастрасӣ ба сармоя, сифати номатлуби маҳсулоти истеҳсолшаванда; бад гардидани шароити ҳамлу накл, таъминот бо газ, об, гармӣ ва қувваи барқ.

Гузарониданиислоҳоти институтсионалӣ дар бахши саноат на танҳо ба баланд бардоштани нерӯи мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин ба такмили системаи идоракунӣ нигаронида шудааст. Инвентаризатсияи иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва таҳлили корхонаҳои саноатии хусусигардонидашуда (азнавташкилшуда) имкон медиҳад, ки заминаи иттилоотӣ беҳбуд ёфта, усулҳои баланд бардоштани самарабахшии моликияти давлатӣ таҳия карда шавад.

Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва беҳбуди дастрасии инвесторҳои имконпазир ба иттилоот метавонад ҷиҳати фаъолтар гардидани инвесторҳои мустақим ба ин соҳаи сармояталаби саноат мусоидат намояд. Бояд имконияти кишвар ҷиҳати ҷалби бештари инвеститсияҳои хусусӣ ба ин соҳа, аз ҷумла таҷдиди қонунгузории андоз, қонунгузорӣ дар бораи моликият беҳбуд бахшида шуда, системаи таъминоти иттилоотӣ оид ба конҳои мавҷуда ба инвесторони имконпазир, таҷдиди сохтори системаи бақайдгирӣ ва интиқоли ҳуқуқ барои соҳибии конҳо, таълими кадрҳои миллӣ созмон дода шавад.

Фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои соҳибкори хурди саноатӣ на танҳо шуғли босамарро таъмин менамояд, ҳамчунин метавонад ба рушди умумии саноат ва диверсификатсияи иқтисодиёт мусоидат намояд.

Барои истифодаи афзалиятҳои истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи вазифаҳои «Дастгирии рушди самтҳои афзалиятноки саноат» маҷмӯи чорабиниҳо пешбинӣ мегардад. Ин тадбирҳо асосан ба пешниҳоди лоиҳаҳои асосии инвеститсионӣ барои саноати сабук ва озуқаворӣ, аз ҷумла сохтмони корхонаҳо бо сикли пурраи коркарди пахта ва дигар ашёи кишоварзӣ алоқаманд мебошанд. Дар онҳо ба саноати масолеҳи бинокорӣ, бо дарназардошти афзоиши талабот ба маводи сохтмон аз ҷониби объектҳои сохташавандаи энергетикӣ, роҳсозӣ, дигар объектҳо, инчунин аҳолӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад[6]. Барои ҷалби инвеститсияҳо ҷиҳати коркарди алюмин, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва саноати кӯҳкорӣ бештар кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Бо дарназардошти талаботи афзоянда аз ҷониби соҳаи кишоварзӣ пешниҳоди лоиҳаҳо ҷиҳати таъсиси истеҳсолот оид ба тавлиди қисмҳои эҳтиётӣ, сохтани техникаи нави кишоварзӣ пешбинӣ мегардад. Беҳбуди таъминоти объектҳои соҳибкорӣ хурд, инчунин хоҷагиҳои ҳавлигӣ бо энергия метавонанд ба татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли таҷҳизот барои тавлиди энергияҳои алтернативӣ (шамолӣ, офтобӣ) ва газҳои

[6] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

биологӣ мусоидат намояд, ки мустақиман ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

## 3.Сохтори соҳавии кишоварзӣ, муаммоҳо ва маҷмӯи чорабиниҳои ба рушди соҳа мусоидаткунанда.

Кишоварзӣ соҳаи муҳими иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин соҳа то солҳои 90-ум 35-36% маҳсулоти умумии дохилиҷумҳурӣ истеҳсол карда мешуд. Аз ин қариб 39%-и фондҳои асосии истеҳсолии ҷумҳурӣ дар ин соҳа ҷамъ оварда шуда буданд. Зиёда аз 42 % аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дар ин соҳа машғули кору фаъолият буданд. Яъне кишоварзии ҷумҳурӣ ба як низоми мутамаркази хоҷагидорӣ табдил дода шуда буд. Бешак, амалкарди чунин як низом, як муддати муайян тараққиёту пешравии соҳаи кишоварзии ҷумҳуриро таъмин карда тавонист. Аммо, нобасомониҳои сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 1992-1997 ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ расониданд, ки дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ мунтазам паст шудан гирифтанд.

Маҳз бо кӯшишу дастгирии ҳамаҷонибаи ҳукумати ҷумҳурӣ дар соли 1997 пастравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ боздошта шуда, истеҳсолоти кишоварзӣ рӯ ба инкишоф овард. Дар солҳои 2020, 2021-ум дар самти кишоварзӣ мувофиқан ба солҳо 90%, 100%-и ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзии соли 1991-ум истеҳсол карда шудааст. Дар шароити имрӯза низ кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он 26-27% маҳсулоти умумии дохилии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Ҳамчунон, 74,3% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот сукунат меварзанд. Мувофиқи баъзе маълумотҳои аз 3/2 ҳиссаи даромадҳои аҳолии деҳот ба соҳаи кишоварзӣ алоқамандӣ дорад[7].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соҳаҳои растанипарварии кишоварзӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ накши муҳимро мебозад. Масалан дар соли 2021-ум дар соҳаҳои растанипарварӣ 88,0% маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ асосан ба соҳаи растанипарварӣ махсус гардонида шудаанд. Зимни таҳлилҳо мо аз маълумотҳои омории ҷумҳурӣ ва маълумотҳои Вазорати кишоварзи, ки таҷрибаомузиамон дар он ҷо гузашт, бо қадри имкон истифода намудаем. Маълумотҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 1991-ум ҳиссаи соҳаи растанипарварӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 67,0% ва соҳаи чорводорӣ 33,0%-ро ташкил медоданд. Дар соли 2021-ум ин нишондиҳандаҳо мувофиқан ба соҳаҳои

[7] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

растанипарварӣ ва чорводорӣ 72,0% ва 28,0%-ро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳои арзиши гувоҳӣ онанд, ки дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ растанипарварӣ мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Маълум аст, ки соҳаи растанипарварӣ барои равнақи соҳаи чорводорӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти он аҳамияти хело ҳам муҳим дорад.

Аммо чи тавре, ки дар боло гуфта гузаштем дар тараққиёти ин соҳа шароити муносибатҳои бозорӣ проблемаҳои мухталиф ҷой доранд. Ба фикри мо, ҳалли ин проблема аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати иқтисодиии давлат дар сектори аграрӣ, дастгирии бевоситаи давлат аз фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва кордонию корчалонии роҳбарони корхонаҳо, ташкили оқилонаи истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагии калон дорад.

Татбиқиислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) озодии интихоб дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ, инчунин имконияти гузаронидани кишти такрориро дар майдонҳои холишудаи аксарияти маҳалҳо дода, ҳамзамон ҳал шудани масъалаи қарзи хоҷагиҳои пахтакор иқтидори ин соҳаро афзун намуд. Гузариш ба тарзи нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, инчунин хусусигардонии амвол дар соҳаи кишоварзӣ ба тағйироти куллӣ оварда расонид[8].

Бояд тазаккур дод, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бӯҳронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 18 - 21% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин то ҳол масъалаҳои муҳими сиёсати аграрӣ, аз ҷумла номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ, ки дар бахши иқтисодӣ муҳиманд, то ҳол ҳали пурраи худро наёфтаанд.

Масалан, дар соли 2021 нисбати соли 1991 ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои ғалладонагиҳо 580 ҳазор тонна афзоиш ёфтааст. Ҳамчунон, истеҳсоли картошка дар соли 2021 нисбати соли 1991 ба миқдори 986 хазор тонна афзоиш ёфтааст. Чи тавре, ки қайд намудем ин афзоишро талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва зиёдшавии майдони кишти ин намуди зироатҳо ба вуҷуд овардааст.

Сабаби паст гардидани ҳосили умумии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, ин фарсудашавии базаи моддӣ-техникии хоҷагӣ, нарасидани нуриҳои минералӣ ва воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо, танқисӣ кашидани хоҷагӣ дар мавсими обёрии зироатҳои кишоварзӣ, сари вакт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративию агротехникии кишту кори зироатҳо, танқисӣ кашидани хоҷагиҳо аз ҳисоби тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ ва ғайраҳо мебошад.

---

8 *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон* «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

Бояд гуфт, ки яке аз омилҳои асосии афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ин самаранок истифода бурдани заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумормеравад.

Таҳлили фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки, мутаассифона, заминҳои корам ба ҳолати 1-уми январи соли 2023 нисбат ба 1-уми январи 2022 тамоюли пастравӣ доранд. Дар ин давра ин нишондиҳанда 630 га дар умум, аз ҷумла заминҳои корами обӣ 931 га, коҳиш ёфтааст. Дар ин давра замини зери боғҳо 469 га, чарогоҳҳо 21946 га афзудааст[9].

Марбут ба ин масъала се чорабинии зеринро амалӣ намудан ҳатмист:
- беҳтар кардани истифодаи фонди замин дар хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз таъиноти кишоварзӣ баромадани заминҳои корам;
- ба заминҳои корам табдил додани заминҳои берун аз кишоварзӣ истифодашаванда.

Фикру андешаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, хубтару беҳтар мебуд барои пешгирӣ намудани муаммоҳои дар боло овардашуда ва рушди соҳаи кишоварзии мамлакат ҳалли чорабиниҳои зерин дар мадди аввал меистод: баланд бардоштани маҳсулонокии замин ва ҳосилноки зироатҳои обӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсол ва зиёд намудани майдони кишти маҳсулотҳое, ки талаботи аҳолиро бо маводи озуқа таъмин менамоянд; аз худ намудани заминҳои барои обёрӣ мувофиқ ва дар даҳсолаҳои наздик ба масоҳати зиёда аз 1 млн. га расонидани заминҳои обӣ (дар ҳозира ин рақам 732,4 ҳазор гектарро ташкил медиҳад); самаранок истифода бурдани захираҳои замин ва роҳ надодан бо мақсадҳои ғайрикишоварзӣ истифода бурдани захираҳои замини аҳамияти кишоварзӣ дошта; қабул ва амалисозии Барномаҳои барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи зироатҳои кишоварзӣ, соҳаи чорводорӣ ва ғайра, ба монанди барномаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2005-2020 қабул шудааст; сари вақт пешгирӣ намудани ҷараёнҳои харобшавии истифодаи захираҳои замин (эрозия, шершавӣ, ботлоқшавӣ дар натиҷаи баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ) бо роҳи гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои комплексии мелиоративӣ; ҷудо намудани маблағҳои зарурӣ ва боз ҳам тезонидани ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушду фаъолияти баъдинаи корхонаҳои кишоварзӣ, додани карзҳои имиёзнок ба деҳқонон ва фермерҳо,

---

[9] *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон* «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.

хариди техникаю таҷҳизотҳо бо усули лизингӣ, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ва ривоҷу равнақ додани корхонаҳои муштараки агросаноатӣ[10].

Ҳамин тавр, танҳо дар ҳолати комплексии ҳалли чорабиниҳои дар боло овардашуда, то қадре ҳам бошад рушди соҳаи кишоварзии мамлакат таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии хӯрокӣ ру ба афзоиш ёфта, таъминоти амнияти озуқаворӣ ба қадре ҳам бошад ҳалли хамаҷонибаи худро хоҳад ёфт.

## 4. Сохтори соҳавии наклиёте алоқа. Муаммоҳо ва дурнамои рушди соҳаҳо.

Кайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз элементҳои муҳими рушди иктисоди миллии Тоҷикистон аз нақлиёти роҳи оҳан (беш аз 80 фоиз аз ҳаҷми умумии муомилоти моли савдои хориҷӣ, тақрибан 50 фоизи сафари муҳоҷирини меҳнатӣ ба Руссия, ҳамлу нақли беш аз се як қисми ҳамаи молҳо), автомобилӣ (беш аз 95 фоизи боркашониҳои дохилӣ) ва нақлиёти авиатсионӣ, инчунин соҳаи алоқа иборат мебошад.

Вобаста ба хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ дар ҳамлу нақли дохилӣ нақши муҳим дошта, ҳамчунин яке аз истеъмолкунандагони асосии маҳсулоти нафт ба ҳисоб меравад.

Манзараву шароити кӯҳӣ бозори на он қадар калони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бозорҳои боз ҳам хурдтар тақсим менамояд. Роҳи оҳани дохилӣ рушд наёфтааст. Ҳамлу нақли асосии дохилӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом дода мешавад. Махсусан дар фасли зимистон ҳаракат ба минтақаҳои кӯҳсори кишвар ниҳоят мушкил аст.

Дар кишвар беш аз 30 ҳазор км. роҳҳои автомобилгард истифода бурда мешавад, ки солҳои 1960-1990 ба истифода дода шуда, беш аз 16 ҳазор км. онҳо маҳаллӣ ва идоравӣ мебошанд. Ҳамаи роҳҳои автомобилгард таъмири асосиро тақозо менамоянд, аммо ҳаҷми маблағҳои мавҷуда барои пурра барқарорсозии онҳо нокифоя мебошад. Нақлиёти байналмилалии автомобилӣ барои ҳамлу нақли борҳои на он қадар калон ба масофаи кӯтоҳ ва миёна, инчунин самтҳое, ки хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан вуҷуд надорад, ниҳоят муҳим мебошад[11]. Ҳоло нақлиёти автомобилӣ камтар аз 5 фоизи ҳамаи ҳаҷми ҳамлу нақли берунаро анҷом медиҳад, ки яке аз сабабҳои он аз ҷумла маҳдуд будани борҳои интиқолшаванда мебошад. Вале то дараҷаи муайян истифодаи хизматрасонии вобаста ба ҳамлу нақли автомобилии

[10] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

[11] Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

беруна аз сабаби баланд будани тарифҳо паст гардидааст. Ҳамлу нақли автомобилӣ аз Хуҷанд ба ҳамлу нақл аз Тошканд ду рӯз зиёдтар ва барои ҳар як тонна 50 доллари ШМА гаронтар мебошад (аз ҷумла бо дарназардошти пардохтҳои ғайрирасмӣ).

Созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт имзо намудааст, пурра татбиқ намегарданд ва аз ин нигоҳ ҳама гуна созишномае, ки шароити ҳамлу нақлро тавассути кишварҳои транзитӣ беҳбуд мебахшад, қобили дастгирист. Муттаасифона дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам проблемаҳои транзит, аз ҷумла вобаста ба талаботи техникӣ нисбат ба нақлиёти автомобилӣ ва пардохтҳои ғайрирасмӣ комилан ҳал нагардидаанд[12].

Дар ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҳавоӣ Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» афзалият дорад, ки асосан бо базаи тайёраҳои кӯҳна, хадамоти ёрирасон (базаи таъмир, тринажёр ва системаи таълим), инфраструктураи фурӯдгоҳҳо, инчунин хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ва иншооти статсионарии кӯҳна фаъолият менамояд. Сатҳи истифодаи тайёраҳо вобаста ба хароҷоти баланд ва афзоиши нарх барои сӯзишворӣниҳоят паст буда, аз ин рӯ ҳоло ҷиҳати иваз намудани онҳо бо тайёраҳои истеҳсоли кишварҳои ғарб тадбирҳо андешида мешаванд.

Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати кам кардани монополия ба ҳамлу нақли ҳавоӣ тарифи Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» дар муқоиса бо дигар ширкатҳои авиатсионии минтақа нисбатан баландтар аст, ҳарчанд баъзе ширкатҳои авиатсионӣ низ тавассути тайёраҳои собиқ Шӯравӣ хизматрасониро анҷом медиҳанд[13]. Муҳоҷирони меҳнатӣ аз сабаби мавҷуд набудани чиптаҳо хароҷоти иловагиро ба зимма мегиранд, ки ин ҳам боиси коррупсия мегардад. Нокифоягии рақобат ва бад будани танзим ва шаффофият аҳдҳои байни боркашонҳои нақлиёти ҳавоӣ, фурӯдгоҳҳо ва идоракунии ҳаракати ҳавоиро тезу тунд месозад, ки он боиси қарздории зиёди корхона шудааст. Тарифҳо дар самтҳои ҳаракати дохилӣ хароҷоти мустақими корхонаро пӯшонида наметавонад ва ин барои корхона зараровар мебошад.

***Бахши алоқа*** бо дарназардошти ғунҷоиши ками нақлиётӣ, меҳнатталабии зиёд ва сатҳи баланди дурнамои инкишофи бахши мазкур дар бозори ҷаҳонӣ барои рушди минбаъда ояндадор ба назар мерасад. Дар айни замон корҳо оид ба иваз намудани стансияҳои ҳаммонанди телефонии кӯҳна ба стансияҳои нави автоматии рақамӣ иваз карда шудаанд. Сатҳи шабакаҳои насбшуда дар ҷумҳурӣ ба рақамӣ ивазшуда 91,2 фоизро ташкил медиҳад.

---

12 Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

13 Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

Минтақаи пахши барномаи телевизиони миллӣ 98 фоизи аҳолиро фаро мегирад. Алоқаи почта дорои шабакаи васеи корхонаҳо буда, вале аз сабаби зиёновари тахти дотатсияи давлат қарор дорад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.
2. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон* «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023 ш. Душанбе.
4. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.
5. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
6. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.
7. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.
8. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.